**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 06 июни соли 2026, №104**

**Дар бораи сазовор донистани Қаҳорзода Насимҷон Мазбут, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ санаи 28-уми феврали соли 2026, №90 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Докторант Қаҳорзода Насимҷон Мазбут 14-уми сентябри соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Мавсуф соли 2008 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 хатм намудааст.

Қаҳорзода Насимҷон Мазбут фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2008 дар Донишгоҳи илмҳои иҷтимоии шаҳри Маскав, ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистика, солҳои 2012-2014 муаллими ҳамкори кафедраи фанҳои давлатӣ - ҳуқуқи факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, солҳои 2015-2018 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, солҳои 2019-2020 дотсенти ҳамкори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, аз 25 августи соли 2019 то 24 августи соли 2021 дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз 25 августи соли 2021 то 25 августи соли 2023 муовини декани факултети ҳуқушиносӣ оид ба илм, аз 26 августи соли 2023 то ҳол мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият бурда истодааст.

Соли 2019 дар назди Шӯрои дифои номзадӣ ва докторӣ Д. 12.18 567 дар назди Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Юсуф Баласагин ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қирғизистон ба номи генерал- майор Э.А. Алиев, ки аз тарафи КОА Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ карда шудааст, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Основы состязательности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: теоретико-правовой аспект» таҳти

роҳбарии д.и.ҳ., профессор Сайфутдинов Т.И. бо муваффақият дифоъ намуда, соҳиби унвони илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ гардидааст.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, таҳти № 2 ба Қаҳорзода Насимҷон Мазбут унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқ дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2025, №4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Искандаров Зайниддин Ҳамидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм;
- **Шодиев Ғулом Махамматович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, прокурори калони Маркази ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ-инноватсионӣ ва омода намудани кадрҳои илмии Академияи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;
- **Файзиев Шохруд Фармонович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Ҳамроев Ш.С. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистакаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент и.в. мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистакаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Назарзода Р.Г. ва котиби ҷаласа муаллимаи кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистакаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Желтого В.А. имзо ва аз ҷониби сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н. дар санаи 01.05.2026 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардидааст. Дар натиҷаи таҳлил паҳлуҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву

норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 55 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 18 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 34 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Кахоров, Н.М. Развитие состязательности в отечественном уголовном процессе и формы реализации процессуальных функций [Текст] / Н.М. Кахоров // Наука и новые технологии. – 2012. – № 9. – Бишкек. – С. 151-153. ISSN 1026-9045.
2. Кахоров, Н.М. О началах состязательности в уголовном процессе пост-советского Таджикистана [Текст] / Н.М. Кахоров // Наука и новые технологии. – 2012. – № 9. – Бишкек. – С.159-162. ISSN 1026-9045.
3. Кахоров, Н.М. Вопросы реализации принципа состязательности в уголовном процессе Таджикистана [Текст] / Н.М. Кахоров // Известия вузов Выпуск. – 2013. – №4. – Бишкек. – С. 224-226. ISSN 1026-9045.
4. Кахоров, Н.М. Принцип состязательности и развитие демократических начал уголовного судопроизводства Республики Таджикистан [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Академии Министерства ввнутренних дел Кыргызской Республики «Уголовно-процессуальное законодательство: вопросы теории и правоприменения» – 2015.Выпуск. – №1. – Бишкек. – С. 79-83. ISSN 1694-5395.
5. Кахоров, Н.М. Вопросы участия сторон в процессе доказывания как элемент внутреннего параметра состязательности [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Академии Министерства ввнутренних дел Кыргызской Республики «Уголовно-процессуальное законодательство: вопросы теории и правоприменения». – 2015. – № 1. – Бишкек. – С. 164-167. ISSN 1694-5395.
6. Кахоров, Н.М. Вопросы расширения состязательных начал отечественного уголовного судопроизводства [Текст] / Н.М. Кахоров // «Учёные записки» Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова. – 2015. – № 3 (44). – Худжанд г. – С. 63-66. ISSN 2077-4990.
7. Кахоров, Н.М. О правовых категориях состязательности как принципа уголовного процесса [Текст] / Н.М. Кахоров // «Учёные записки» Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова. – 2015. – № 4 (45). –Худжанд. – С. 60-65. ISSN 2077-4990.
8. Кахоров, Н.М. Актуальные проблемы уголовно-процессуального права в Кыргызской Республике на современном этапе [Текст] / Н.М. Кахоров // «Учёные записки» Худжандского государственного университета

имени академика Бабаджана Гафурова. – 2016. – № 1 (46). – С. 35-38. ISSN 2077-4990.

9. Кахоров, Н.М. Уголовное преследование в реализации задач уголовного судопроизводства [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Кыргызского национального университета им. Ж. Баласагына. – 2020 – №1,2 (101/102). – С.102-107. ISSN 1694-8033.

10. Қаҳоров, Н.М. Риояи меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2020. – № 1(82). – С.141-149. ISSN 2411-1945.

11. Қаҳоров, Н.М. Таҳлили назариявӣ – ҳуқуқии асосҳои гумонбарӣ ва асосҳои воқеии дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №3(39). – С. 164-168. ISSN 2305-0535.

12. Кахоров, Н.М. Конституционные принципы правосудия по уголовным делам (по законодательству Республики Таджикистан) [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Кыргызского национального университета им. Ж. Баласагына. – 2023. – №2. – С. 226-230. УДК:343.67.410.2

13. Қаҳоров, Н.М. Таҳлили амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – № 2(50). – С. 138-142. ISSN 2305-0535.

14. Қаҳоров, Н.М. Таҳлили назариявии боздоштани пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – 2024. – № 4 (56). – С. 321-327. ISSN 2410-2903.

15. Қаҳоров, Н.М. Аҳаммияти принсипи қонуният дар самти иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров, Насимӣ Гулҷаҳон // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – 2025. – №4 (60). – С. 408-414. ISSN 2410-2903.

16. Қаҳоров, Н.М Амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мутобиқ ба ҳадафҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров, // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – 2025. – №1(60). – С. 415-420. ISSN 2410-2903.

17. Искандаров, З.Х., Қаҳоров Н.М. Таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар (тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, Н.М. Қаҳоров // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2026. – № 1 (69). – С.61-66. ISSN 2412-141X

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раҷабзода Р.М.** – профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Меликов У.А.** – профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиноси дотсент;

**Давлатзода К.Д. –** сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар боби аввали рисола муаллиф ба хулоса омадааст, ки мурофиаи ғоибонаи судӣ чун шакли фаъолияти суд оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳам дар шаклӣ расмӣ ва ҳам мурофиавӣ дар амалия ва қонунгузории миллӣ вуҷуд надорад ва набояд амалӣ гардад, ки мухолифи ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аст.Андешаҳои асоснок ва мавқеи муаллифро мехостем оид ба ҳалли ин масъала зимни баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ дониста бошем.

2. Дар рисола қайд шудааст, ки аз нуқтаи назари эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақсад мувофиқ аст, ки дар м.273 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолате, ки зарурати маҷлиси пушидаи судиро ба миён меоранд, дархости айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва хешовандони наздики онҳо низ пешбинӣ карда шавад. Барои равшанӣ андохтан ба асос ва ҳолатҳои номбаршуда андешаҳои асосноки муаллиф мебоист дар муқоиса бо амалияи судӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор дода шаванд.

3. Муаллиф оид ба мубоҳиса ва баробарии тарафҳо нуқтаи назари ҷолибро пешбарӣ намуда, лекин ҷиҳати бе иштироки ҷабрдида баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ ва бинобар ҳозир нашудани даъвогари гражданӣ ё намояндаи ӯ бе баррасӣ мондани даъвои гражданиро мавриди таҳлили фарогир қарор надодааст. Мехостем андешаҳои муаллифро ҷиҳати мутобиқати бе иштироки шахсони манфиатдор баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ба принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро ошкоро шунавем.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқарраротӣ бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои доктриналӣ, дар бораи низом ва

таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, алоқамандии онҳо бо асосҳои конститутсионии адолати судӣ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ҳифзи судӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешаванд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаммоҳои амалӣ шудани қоидаҳои мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар раванди амалишавии Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2021-2030) таҳлил шуда, ба ҷараёни татбиқи онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад;

– моҳият, аҳаммият ва зарурати риоя, иҷро ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин ногузирии тағйир додан, бе ихтилоф ва дақиқ муқаррар шудани қоида ва шартҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, такмил додани тартиби амалишавии онҳо дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари муаллифӣ пешбарӣ мешавад;

– роҳҳои самараноки риояи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ноил шудан ба адолати судӣ бо хулоса ва пешниҳодҳои муаллифӣ ҷамъбаст ва асоснок карда мешаванд;

– консепсияи муосири рушди асосҳои адлияи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи стратегии такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешбарӣ мешаванд, ки онҳо умумият ва ягонагии шартҳои муқарраршудаи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ тақвият бахшида, пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд;

– ба ошкор ва бартараф шудани мухолифати ақидаҳои назариявӣ, камбудиҳои дар амалияи судӣ ҷойдошта; такмили қоидаҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, манфиати давлат, ташкилотҳо; таҳкими қонуният у адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ; баланд бардоштани сифат ва самаранокии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин баҳри беҳтар намудани сатҳу сифати риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, одилона баррасӣ гардидани парвандаҳои ҷиноятӣ ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт мусоидат мекунанд;

– дар диссертатсия ғояҳои доктриналӣ оид ба таснифоти низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, такмил додани қоидаҳои риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар марҳилаҳои судӣ коркард шудааст, ки онҳо ба ҳалли маҷмуи масъалаҳое, ки бо шаклбандӣ, банизомдарорӣ, мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ ва азнавсозии ҳам меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва ҳам амалияи судии ҳуқуқтатбиқнамоӣ алоқамандӣ доранд, асос мешаванд.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти комплексӣ метавонад ба сифати асоси назариявӣ, методӣ ва роҳнамо дар корҳои минбаъдаи илмӣ, дар таҳқиқоти

муаммоҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шавад. Онҳоро ҳамчун роҳнамои илмӣ дар ҳалли проблемаи васеи илми мурофиаи ҷиноятӣ, ки аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ доранд, истифода бурдан мумкин аст. Татбиқ ва истифодаи онҳо ба илм ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ саҳми назаррас дорад ва аҳаммиятнок аст. Бинобар ин, таҳқиқоти илмии мавзуи мазкурро бо боварии том метавон ҳамчун нахустин таҳқиқоти мустақили бунёдии илми мурофиаи ҷиноятӣ дар ин мавзуъ арзёбӣ намуд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда инъикос ёфтаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда:**

1. Аввалин падидаҳои мурофиа дар шакли урфу одат, расму ойин, ё қоидаҳои одитарини танзимкунандаи муносибати байни одамон, қонеъ кардани талабот, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз бесарусомонӣ ва худсарӣ арзи вуҷуд кардаанд. Унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя»-и расму оин ва урфу одатҳо дар низоми муносибатҳо ҷорӣ шуда, аз як насл ба наслҳои дигар гузашта, то ба шакли қоидаҳои меъёрии ҳатмӣ ва танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Ин қоидаҳо падидаҳои аввалини ҳуқуқӣ на дар фаҳмиши муосири шакли расмӣ дошта, балки инъикоси натиҷа, маҳсули эҷод ва кӯшишҳои инсон оид ба ногузир барпо карда шудани муҳити ҳамзистӣ (зоҳиршавии табиати иҷтимоӣ) буда, таъиноти худро мутобиқ ба табиати аслии худ пайдо кардааст.

Ҳадафи ҷорӣ шудани ин қоидаҳои мурофиавӣ саравваал як шакли таъсиррасонӣ ва ё танзими рафтор, ҳифзи анъана ва манфиатҳои аъзоёни авлод ё қабила буд, сипас баробари тавсеаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷузъи низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, зинаҳои ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиаи судӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ чунин даврабандӣ мешавад:

1) қоидаҳои давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ);

2) қоидаҳои давраи ташаккулиҷ мурофиаи замони зардуштӣ;

*3)* қоидаҳои давраи рушди мурофиаи шариатӣ;

4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ;

5) қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ;

6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятӣ дар замони муосир.

Таҳлили марҳилаҳои рушд собит месозад, ки қоидаҳои аз урфу одатҳои авлодӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ шакли устувор гирифтаи мурофиаи даъвогӣ ва хусусӣ барои минбаъд ҷорӣ ва амалкарди қоидаҳои мурофиавӣ таҳкурсӣ гузоштаанд. Бо мурури замон, бинобар тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва пайваста васеъ гаштани фаҳмиши адолат ва шартҳои муҳокимаи судӣ мукаммал гардида, мазмуну муҳтавои нав гирифтаанд. Қоидаҳои мазкур бо нуктаҳои зерин ғани гаштанд:

а) шарту шароити баргузории мурофиа бо ташаббуси даъвогар, ҷабрдида ё хешовандони ӯ;

б) ба шикоят ва арзу даъво ҳуқуқ доштани шахс;

в) таҳти ҳимояи аҳли ҷомеа ва ё ҳоким, довар қарор доштани ҷабрдида ва ё даъвогар, нафарони муҳтоҷ, ниёзманд, зарардида;

г) ҳуқуқи даъвогар ба рӯёнидани товони зарар;

д) қоидаҳои баррасии дастаҷамъона ва шифоҳии арзу даъво;

е) иштироки тарафҳо ва аҳли ҷомеа дар муҳокима, яъне ошкоро баргузор шудани мурофиа;

ё) барои тарафҳо пешбинӣ шудани имкониятҳои мурофиавӣ ва имконияти созиши тарафҳо;

ж) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба исботи гунаҳгорӣ;

з) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба даъвати шоҳидон ва пешниҳоди далел;

и) одилона таъин кардани ҷазо;

к) кӯшиши оқилона, воқебинона муайян кардани товони зарар;

л) ҷорӣ шудани хароҷоти мурофиавӣ, қоидаҳои риояи қатъии мурофиаи судӣ;

м) таъмини мустақилият ва беғаразии суд дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ.

2. Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад, ки тавассути таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз ибтидо то интиҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ онҳо вобаста:

а) бо амалишавӣ дар марҳилаҳои ҷудогонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ;

б) бо мавзуи муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ;

в) бо амалишавии функсияи айбдоркунӣ;

г) бо амалишавии таъиноти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ки дар натиҷа аҳаммият, мазмун ва умумияти ҳар як шарт муайян карда шудааст.

Баргузории ошкорои муҳокимаи судӣ (м.273 КМҶ ҶТ) мазмуни васеъ дошта, танҳо бо моҳият ва аҳаммияти мурофиавӣ, яъне бо ифодаи иштироки бевоситаи тарафҳо ва шахсони манфиатдор дар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию давлатӣ дошта:

а) шакли иштироки аҳли ҷомеа (доираи васеи шаҳрвандон) дар амалӣ гардидани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

б) шакли амалисозии ҳокимияти халқ, имконияти иштироки аҳли ҷомеа (ба сифати тарафҳо) дар қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

в) иштироки аҳли ҷомеа дар амалинамоии намуди муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ;

г) шакли ҳуқуқии назорати аҳли ҷомеа (халқӣ) аз болои фаъолияти мақомоти судӣ мебошад.

3. «Муҳокимаи бевосита» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мазмуни нисбатан васеъ дошта, тибқи таҳлил танҳо бо тафтиши бевоситаи далелҳо маҳдуд намешавад, чунки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад:

– пешбурди амалҳои судӣ аз ҷониби суд, судя, ки бевосита иҷро мешавад, монанди эълони ҳайъати суд, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои

иштирокчиёни мурофиаи судӣ, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд ва ғайраҳо (м.м.296-307, 349 КМҶ ҶТ);

– суд, судя далелҳои пешниҳодшударо, бо роҳи пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ бевосита санҷида баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. (м.м.21, 311-326 КМҶ ҶТ);

– суд, судя иштироки бевоситаи тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда, барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад (м.м.12, 22, 276-277 КМҶ ҶТ);

– суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад (м.м.21, 85,90 КМҶҶТ);

– дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро аз ҷумла монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ҳал мекунад. (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

– суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита қабул мекунад (м.м. 290, 332-350 КМҶ ҶТ).

4. Мафҳуми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (на танҳо ҷамъи қоидаҳо) ифодаи ҷузъи ҷудонопазири масъулияти давлат ҷиҳати таъмини кафолати расмӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гашта, дар ҷараёни ҳалли тамоми масъалаҳое, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муҳокима ва баррасии судиро талаб мекунанд, амал мекунанд. Онҳо моҳияти расмию ҳуқуқии муҳокимаи судиро ифода карда, ба татбиқи меъёрҳои ҷорӣ ва амалӣ гаштани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ шароит фароҳам меоранд.

Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар раванди амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мурофиавӣ, иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятиро таъмин мекунанд. Бо ин хусусиятҳо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъиноти худро ифода мекунад: ҳимояи ҳуқуқи инсон дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, фароҳам овардани шароити омодагӣ ва баррасии ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ; таъмини рафтори муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; таъмини иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди судии ҷиноятӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ.

5. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни талабот ва кафолати мурофиавӣ дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъсир расонида, ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ шароит муҳайё мекунанд. Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои ҳатмии мурофиавии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил мекунанд.

Тавассути танзими муносибати иштирокчиёни мурофиавии судии ҷиноятӣ бо ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ чунин шакли таъсиррасонии расмии давлатӣ ба рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шудааст, ки зарурати таъсиррасонии он дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар шакли ваколатдиҳӣ, уҳдадорнамоӣ, имкониятдиҳӣ, маҷбуркунӣ, барқарорсозӣ, маҳдуднамоӣ, пешгирӣ ва манъ кардан пайдо мешаванд, тағйир меёбанд, қатъ мешаванд ва ё хотима меёбанд.

Аз ин рӯ, таъиноти хос мурофиавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян мешаванд:

– ҳамчун шакли мурофиавии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар шудаанд;

– амалӣ шудани принсипҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунанд;

– мазмун ва таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни муҳокимаи судиро ташкил дода, дар ҷараёни амалишавии ин фаъолият ба риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит муҳайё мекунанд;

– ҳадди имконият ва рафтори иштирокчиён, мақсад ва хусусияти иштироки тарафҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегиранд.

6. «Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» пеш аз ҳама шароиту муҳити муносиб ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрванд беасос, ноодилона айбдор ва маҳкум нашавад, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъмин гардад, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно карда шавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯ бетаъхир сафед карда шавад.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъминкунандаи баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо, ифодаи иштироки онҳо дар маҷлиси судӣ, амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ ва риояи тартиби ягонаю умумии мурофиавӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини қонуният дар ин марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд.

7. Барои таъмини самаранокии амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст, ки: Дар матни м.34 КМҶ ҶТ бояд муқаррараи «....тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро ба тариқи дастаҷамъона доранд» нишон дода шавад.

Матни моддаи 292 КМҶ ҶТ қоидаеро пешбинӣ намояд, ки мутобиқи он бо вуҷуди аз маҷлисгоҳи судӣ дур карда шудани судшаванда, минбаъд ӯ ба музокираи судӣ бояд ҳозир карда шавад.

8. Судя бояд салоҳияти таъмини баробарии тарафҳоро ҳангоми баррасии судии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, ҳамчунин риояи (татбиқи) шартҳои умумии муҳокимаи судиро дошта бошад. Ғайир аз ин, ҳангоми аз нав баррасии шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ аз рӯйи эътироз ё шикоят, суд бояд салоҳият дошта бошад, ки зарурати иштироки тарафҳо ва татбиқи шартҳои муҳокимаи судиро мустақилона муайян намояд.

Пешниҳодҳои пешбарӣ кардаи муаллиф ҷиҳати такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

мазмуни меъёрҳои мурофиавиро дақиқ намуда, ба татбиқи дурусти қонунҳо ёрӣ мерасонанд, ки на танҳо ба қонунӣ, асоснокӣ ва одилона қабул гаштани ҳукм мусоидат мекунанд, балки нофаҳмӣ, шубҳа ё хатогиҳоро дар амалияи судӣ пешгирӣ ва бартараф мекунанд, инчунин воқеан ҳамаҷониба, пурра ва холисона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро таъмин менамоянд.

Тавсияҳои муаллиф дар лоиҳаи муаллифӣ ба сифати «Барномаи стратегии рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муқаррар карда шудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» пешниҳод шудаанд (замима шудааст).

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз таҳлили назариявӣ-консептуалии муқаррароти пешбинишудаи қонун ҳамчун шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, таснифоти низоми онҳо, моҳият, ифодаи дақиқ ва фарогири мақсад ва хусусиятҳои хоси онҳо иборат аст. Диссертатсия таҳқиқоти илмӣ-тахассусии мустақилона аст, ки дар сатҳи зарурӣ низоми донишҳои илмиро дар бораи механизми амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ, мазмун ва хусусиятҳои шаклгирифтаи онҳоро мукаммал намуда, инчунин ҳалли як қатор проблемаҳои бунёдии илми мурофиаи судии ҷиноятии миллиро пешбарӣ ва асоснок менамояд.

Муқаррароти консептуалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Тоҷикистон, ки масъалаҳои асосии риоя ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ танзим мекунанд, инъикос ёфтааст. Як қатор хулосаву пешниҳодҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ оид ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ҷодаи муайян намудани самтҳои афзалиятноки мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ, банизомдарорӣ ва азнавсозии меъёрҳои он аҳаммияти муҳимми амалӣ доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти илмӣ, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳо метавонанд дар фаъолияти мақомоти олии қонунгузорӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шаванд. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли хулосаҳои муаллифӣ пешбарӣ ва асоснок шуданд, самтҳои минбаъдаи таҳқиқотҳои илмиро дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда, ба такмил дода шудани амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, ба риояи самараноки онҳо дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ ба баланд бардоштани сатҳи ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим ва омӯзиши курси «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Таҳияи расмии санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ», курси махсуси «Асосҳои адлияи ҷиноятӣ», «Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар пешбурди судӣ» дар таълими ҳуқуқ ва дар низоми такмили ихтисос истифода шавад.

Нуқтаи назари пешбаришуда дар таҳқиқоти илмии мазкур метавонад дар амалияи ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар омузиш ва таҳлили муаммоҳои назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ, дар раванди таълимии муассисаҳои олии таълимии раванди ҳуқуқӣ дар омӯзиши фанҳои дахлдор, курсҳои махсус, дар рафти такмили ихтисос ва бозомӯзии судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, таҳқиқбарандагон ва адвокатҳо истифода шавад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти бевоситаи ӯ, пешбарии ақида ва тавсияҳо, ҷамъи пешниҳоду хулосаҳо, таҳлили мундариҷаи истилоҳоти меъёрӣ, таърифҳо ва пешбарии навоварии илмии диссертатсия инъикос мешавад. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисолаҳои илмӣ (монографияҳо), мақолаҳои илмии муаллиф, коркарди мавод ва барномаҳои таълимии тахассусӣ (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), маърузаҳо дар чорабиниҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 06 июни соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**06 июни соли 2026**